## Супориш барои хонанда

**Супориши 1.Матнро гӯш кунед**

. Мавзӯи матнро муайян кунед (матн дар бораи чист?).

. Мазмуни асосии матнро муайян кунед (матн ба чӣ меомӯзонад?)

.Услуби матн ва намуди нутқ, хусусиятҳои сохти матнро ( дар нақлӣ-оғози воқеа,ҷараёни вай,лаҳзаҳои муҳимисюжет,хотима;дар тасвирӣ-предмети нутқ ва аломатҳои асосӣ ва хоси он;дар муҳокимавӣ-мавқеи умумӣ,далелҳо,шарҳ,хулоса)муайян кунед.

Нақшаи мувассали матнро қисмҳои хурди онро ҷудо намуда ва мавзӯъ гузошта таритиб диҳед.

.Барои калимаҳои такякунанда ҷой монда, қисмҳои нақшаро нависед.

Дар мавриди дуюмин маротиба гӯш кардани матн калимаҳои такякунандаи ҳар як қисмро нависед.

Дао охир ҳар як қисмро ба якдигар алоқаманд намуда нависед,ки дар натиҷа матни пурра барпо шавад

**Матни нақли хаттӣ**

### Табиат ҳам ҷон дорад

Модарам хабар овард,ки дар боғ гули қоқу шукуфтааст. Ман тоқат карда натавонистаму он сӯй давидам.Ваҳ,чӣ хел зебо! Салом гулаки қоқу!

Дар миёни юнучқазор як дона гули қоқу шукуфта буд.Ба назди он дузону нишастам,хостам канда гирам,оварда сари мизи дарстайёркуниам гузорам.Аммо дастам дар ҳаво монд.Панди падарам ба ёдам омаду даст ба ақибкашидам…

-Онҳоро накан,духтарам,-гуфт падарам.-Бигузор,ки гулҳои қоқу ба мо ҳамеша муждаи баҳорро оранд.Ту ҳамеша табиатро дӯст дор,онро озор надеҳ.Агар ягон ҷойи ту лат хӯрад,ҷонат дард мекунад? Албатта, дард мекунад.

Табиат ҳам ҷон дорад ,танҳо забон надорад,беовоз нолиш мекунад.

Ман ба хона омадам.Гули қоқу дар юнучқазор монд, нашъунамо дошт.Чун аз дарс баргаштам,хоҳарчаам маро шодона пешвоз гирифт.

-Ман ба ту гули қоқу овардам.Рафта тамошо кун,ҳаловат бар…

Дилам ба изтироб омад.Тозон хона даромадам.

Дар рӯи қоғазҳои титу парешони рӯйи миз гули қоқу мехобид.Он гуле буд,ки чанде пеш шукуфон буду боғи моро оро медод,акнун бошад,пажмурда…Онро оҳиста рӯйи каф гузоштам.Боз суханони падарам ба ёдам омаданд..

-Табиат ҳам ҷон дорад.Танҳо забон надорад, беовоз нолиш мекунад.

Дилам ба ҳоли гул сӯхт.Ман гӯё нолиши беовози ӯро мешунидам.Ҳис мекардам.

-Дидӣ?-хурсандона ба хона даромад хоҳарчаам ва як ба ман ва як ба гули дар дасти ман буда нигариста,ҳайрон монд:-Чӣ,аллакай пажмурда шудааст?

- Рост,гули қоқуе,ки ту овардӣ,шукуфон буд,-гуфтам ман ,- вале танҳо вақти оварданат.Баъд аз он ки ту инро кандӣ, хазон шуд.Агар ту инро ба ҳоли худаш мегузоштӣ, он фардо ва пасфардо ҳам мешукуфт.Аммо ин гули қоқу дигар нахоҳадшукуфт.Ба ин ту сабабгорӣ…

Хоҳарчаам гунаҳкорона чашм ба замин дӯхт.Ӯ низ донист ва ҳис кард,ки табиат ҳам ҷон дорад ва озораш аз рӯйи мурувват нест. Ман андаке осуда шудам.

(258 калима аз «Машъал»)

Супориши 2. **Фикру мулоҳизаи худро нисбати матни шиносшуда ифода кунед.**

1. Шумо ба кадом мулоҳиза омадед,барои чӣ дасти духтар дар ҳаво монд?.Оё панди падар дар бораи табиат дуруст аст?
2. Кори кадоме аз ин духтарон ба шумо маъқул аст,духтарак аз кардаи худ пушймон шуд ё не?